# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи “Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи “Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ” дар он зоҳир мегардад, ки мафҳуми мавқеи акмеологии донишҷӯёни макотиби олӣ дар заминаи мутаносиби таҷрибаомӯзии субъектии омӯзгори оянда дар муҳити таълимии фаъолияти касбӣ, ки ифодаи устувор ва дарку фаҳми мушаххаси маънии он аз худ дарак медиҳад, аниқ карда шудааст.

Инчунин моҳият, мазмун ва ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун омили ташаккули амалияи фаъолияти касбии омӯзгорони оянда ошкор ва муайян карда шудааст. Ғояҳо ва хулосаҳои таҳқиқот дар бунёди тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ аз тарафи таҳқиқотчиёни масъалаи омодагии касбии омӯзгорони оянда, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар мавриди ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ, омӯзгорон ва мушовирони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар мавриди ташкили таҷрибаомӯзии педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ тавассути машғулиятҳои амалӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Аз ин лиҳоз, бояд хотиррасон кард, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Нуралиев Мансур дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ-методӣ доир ба ташаккулу таҳаввули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳия ва манзур карда шуда, барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Пеш аз ҳама, бояд хотиррасон намоем, ки дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия буда, арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи муаллиф, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ, эътимоднок буда, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Автореферат фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, ки он тибқи муқаррароти Дастурамал босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои анҷомдодаи муаллифи рисола, ки дар боло зикрашон рафт, автореферат баъзе камбудиҳои чузъӣ ба монанди ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дорад, ки бо бартараф кардани он сифати кори илмӣ баланд мешавад.

Аз ин лиҳоз, бо боварӣ метавон гуфт, ки диссертатсияи илмии Нуралиев Мансур кори анҷомёфта ва дорои арзиши илмию назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Хулоса, кори таҳқиқотии Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзуи “Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ” ба талаботи Низомнома оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
сардори раёсати илм ва инноватсияи
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили
ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф Собиров С.Ф.

22.02.2024

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Телефон: (992372) 227-63-91; Почтаи электронӣ: s.sobirov. dti@mail.ru

*"Имзои С.Ф. Собировро тасдиқ мекунам"*

Сардори раёсати кадрҳо ва
котиботи ДҶТИБКСМ Манучеҳр Ҳабибзода